*ТДУ 377*

| | |
|---|---|
| ***САМАРАБАХШИИ ПЕДАГОГИИ РУШДИ ЛАЁҚАТМАНДИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ МОДАРӢ*** | ***Ҳошимова Гулшан Гадойбоевна,*** *номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МДТ "ДДХ ба номи акад.Б. Ғафуров" (Тоҷикистон, Хуҷанд)* |
| ***ПЕДАГОГИЧЕСКАЯ ЭФФЕКТИВНОСТЬ РАЗВИТИЯ ОДАРЕННОСТИ УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ РОДИНОМУ ЯЗЫКУ*** | ***Ҳошимова Гулшан Гадойбоевна,*** *канд. пед. наук. дотсент кафедры социальной и профессиональной педагогики факултета начального образования и специальной педагогики ГОУ «ХГУ имени академика Бободжона Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)* |
| ***PEDAGOGICAL EFFECTIVENESS OF DEVELOPING THE GIFTEDNESS OF PRIMARY CLASS STUDENTS IN THE PROCESS OF TEACHING THE NATIVE LANGUAGE*** | ***Goshimova Gulshan Gadoyboevna,*** *Ph.D. ped. Sci. Dotsent of the department of social and professional pedagogy, faculty of primary education and special pedagogy of the SEI «KhSU named after acad.B. Gafurov" (Tajikistan, Khujand).* ***E- mail:****khoshimova.gulshan@mail.ru* |

***Калидвожаҳо:*** *ошкорсозии лаёқатмандии хонандагон, рушди лаёқатмандӣ, фаъолияти таълимӣ, таълими ибтидоии забони модарӣ, инкишофи нутқ, хониши мустақилонаи, сарчашмаҳои эҷодӣ.*

*Мақола масъалаҳои амалисозии низоми муносибати босалоҳият ба инкишофи лаёқатмандии хонандагони хурдсол дар дарсҳои забони модарӣ, имконоти самараноки рушди нишондиҳандаҳои лаёқатмандии кудакон дар раванди таълим, хониши беруназсинфӣ, инкишофи фаъолияти эҷодӣ ва мустақилонаи хонандагонро дар бар мегирад.Муаллиф кӯшиш намудааст, ки вазифаҳои таълими забони модариро бо дарназардошти лаёқатмандии хонандагони хурдсол ҷиҳати такмили минбаъдаи малакаи ибтидоии хондан, дурустӣ, равонӣ, бошуурона ва ифоданок будани он; ташаккули дарки пурраи асари бадеӣ аз ҷониби хонанда; дар онҳо инкишоф додани ҳиссиёти ахлоқиро муайян намояд.*

*Ҳамин тариқ, муаллиф хулоса намудааст, ки дарсҳои забони модарӣ ба омӯзгор имкони ташаккул додани шахсияти кӯдаки лаёқатмандро фароҳам меоранд, то ки вай дар ҳаёти ҷамъиятӣ, муошираи шахсӣ барои дарки дурусти иттилоот, мулоҳиза намудани он, таъсир расонидан ба эҳсосоту андешаҳои атрофиён, ҳимояи нуқтаи назари худ ва ба назар гирифтани ақидаҳои дигарон қобилият пайдо намояд.*

***Ключевые слова****: выявление способностей учащихся, развитие способностей, учебная деятельность, начальное обучение родному языку, развитие речи, самостоятельное чтение, творческие источники.*

*В статье рассмотрены вопросы реализации компетентного подхода к развитию способностей младших школьников на занятиях родным языком, эффективные варианты развития показателей способностей детей в учебном процессе, внеклассном чтении, развитии творческой и самостоятельной деятельности учащихся.Автор пытался понять задачи обучения родному языку, учитывая возможности младших школьников в дальнейшем совершенствовании основных навыков чтения, правильности, мыслительности, осознанности и выразительности его; формирование полного понимания читателем художественного произведения; определить развитие у них нравственных чувств.Таким образом, автор пришел к выводу, что уроки родного языка дают учителю возможность сформировать личность одаренного ребенка, чтобы он мог обрести способность в общественной жизни, личном общении правильно понимать информацию, думать о ней, влиять на чувства и мысли других, отстаивать свою точку зрения, учитывать мнение других.*

***Key words:*** *identifying the abilities of schoolchildren, developing abilities, educational activities, initial teaching of the native language, speech development, independent reading, creative sources.*

*The article discusses the implementation of a competent approach to developing the abilities of younger schoolchildren in their native language classes, effective options for developing indicators of children's abilities in the educational process, extracurricular reading, and the development of creative and independent activities of students.The author tried to understand the tasks of teaching the native language, taking into account the capabilities of younger schoolchildren in further improving the basic skills of reading, accuracy, thinking, awareness and expressiveness; formation of a complete understanding by the reader of a work of art; determine the development of their moral feelings.Thus, the author came to the conclusion that native language lessons give the teacher the opportunity to shape the personality of a gifted child so that he can gain the ability in public life and personal communication to correctly understand information, think about it, influence the feelings and thoughts of others, defend his point of view, and take into account the opinions of others.*

Омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳои илмии психологию педагогӣ нишон дод, ки муҳаққиқон намудҳои гуногуни лаёқатмандии кудаконро, ки майлу рағбати онҳоро ба соҳаи муайяни донишҳо зоҳир менамоянд, мавриди таҳқиқ қарор дода, барои коркарди тавсифу ташхиси сатҳу нишондиҳандаҳои лаёқатмандии кудакон кӯшиш намудаанд.

Ба муаммои лаёқатмандӣ педагогҳои ҳамаи давру замонҳо таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. Педагоги машҳур Я.А.Коменский дар китоби «Дидактикаи бузург» кудаконро аз рӯи қобилияти зеҳниашон тавсиф кардааст. «Қобилияти баъзеҳо бурро, дигарон - кунд, баъзеҳо - чандиру мулоим, дигарон - ҷиддӣ ва якрав аст. Баъзеҳо ба илм ба хотири дониш рӯй меоранд, дигарон ба кори механикӣ шавқу рағбат доранд»[5,с.48].

Боиси зикр аст, ки ба ошкорсозии лаёқатмандии кудакон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ академик М.Лутфуллоев аҳамияти махсус додааст. «Мактаб - ибтидои ҳамаи оғозҳо, дар ин ҷо майлу рағбатҳои оянда тавлид мешаванд. Зеро ба хонандагони имрӯза лозим меояд, ки фардо асрори қаъри заминро кушоянд, ба оламҳои нав парвоз кунанд, технологияи комилан нави истеҳсолотро бунёд ва рушд диҳанд! Инро бояд олимону муҳақиқон, таҳиягарони китобҳои дарсӣ, барномаву нақшаҳои таълимӣ, ҳамчунин, омӯзгорон дар хотир доранд. Аз ин ҷо, дар мактаби муосир шароитеро фароҳам овардан зарур аст, ки дар онҳо бачагони мо истеъдоду қобилияти хешро вусъат бахшида тавонанд» [6,с.48].

Ба андешаи педагоги тоҷик Маҷидова Б. қобилияти кудакон дар фаъолияти амалӣ ошкор мешавад.

Мавҷудияти тафовутҳои фардӣ ва дар ин замина ташкил ва гузаронидани корҳои таълимиву тарбиявӣ бо хонандагони лаёқатманд аз ҷониби педагог ва психологи маъруф Д.И. Фелдштейн таъкид гардида буд. Ӯ навишта буд: «Шароити мусоиди муҳити ҷамъиятӣ рушди ҳама гуна имконияти дар кӯдак додашударо таҳрик бахшида, онҳоро бо мундариҷаи мувофиқ мукаммал месозанд» [9,с.24].

Асарҳои олимони тоҷик, ки ба масъалаҳои рушди намудҳои алоҳидаи лаёқатмандӣ нигаронида шудаанд, қобили таваҷҷуҳанд. Чунончи, Амонов Р. дар асараш «Нақш ва аҳамияти каломи бадеъ дар мактаби ибтидоӣ» тарзу усулҳои кор бо хонандагонеро, ки дар соҳаи адабиёт лаёқатманданд, тавзеҳ медиҳад: «Хонандагоне ҳастанд, ки на танҳо ба дарку ҳифзи каломи бадеъ майлу рағбат доранд, балки шеър ва ҳикояҳои хурд низ менависанд… Омӯзгор бояд аз рӯи имконият ин ҳолатро дар кори таълимиву тарбиявӣ истифода барад, хонандагонро ба роҳи дуруст ҳидоят намуда, завқашонро ташаккул диҳад… Ҳам дар вақти дарс, ҳам берун аз он омӯзгор бояд барои озодона фикрашонро баён кардани хонандагон имконият дода, муҳити мусоидро фароҳам орад… Имконияти хешро кӯдак асосан дар вақти фориғ аз мактаб амалӣ мегардонад: дар бозиҳо, дар намоишномаҳо, дар қироат ва навиштани шеърҳо» [2,с.88].

Олим А.И. Савенков таъкид намудааст, ки фаъолияти таълимӣ дар синни хурди мактабӣ пешбар буда, он ба рушди асосҳои тафаккури назариявии кӯдаки болаёқат мусоидат менамояд, ки дар заминаи он тамоми донишандӯзии минбаъда ва инкишофи когнитивии инсон бунёд мегардад.

Равандҳои таълим дар вазъияти иҷтимоии комплексии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ сурат гирифта, танҳо бо аҳамияти когнитивӣ маҳдуд нестанд. Ин раванд дар хонандаи хурдсоли болаёқат хусусиятҳои зеринро рушд медиҳад:

- сатҳи баландтари рушди худшиносии иҷтимоии кудак;
- сатҳи баландтари иҷтимоъсозии шахсият ва дар ин замина рушд додани сифатҳои шахсӣ;
- сатҳи баландтари инъикоси воқеият, ки ба таҷрид (абстраксия) ва ҷамъбаст асос мeёбад;
- қобилият ва маҳорати ширкат варзидан дар муҳокимаи масъалаҳои ҳалталаб ва мулоҳизаю таҳлил кардани фаъолияти худ дар нақшҳои иҷтимоии пешбинишуда;

- мураттаб сохтани нақшаи ботинии амалиёт, мулоҳизаронӣ мавриди фаъолияти амалӣ;
- худтанзимкунии равандҳои психикӣ, худназоратӣ, худтаҳлилкунӣ ва худбаҳодиҳии рафтори худ» [8, 34].

Ҳама гуна инкишофи инсон дар фаъолият сурат мегирад, ки он ба сатҳ ва намудҳои лаёқатмандӣ вобастагӣ дорад. Фаъолияти асосии хонандагони хурдсол таълимгирӣ ва донишандӯзӣ мебошад, ки на фақат раванди азхудкунии низоми донишҳо, ташаккули маҳорату малакаҳо, балки раванди инкишофи умумӣ, ташаккули шахсияро пешбинӣ намуда, шавқи донишдӯстию илмомӯзиро густариш мебахшад. Маҳз дар фаъолияти таълимӣ, мавриди омӯзиши мавзӯъҳои дарсӣ, иҷрои супоришҳои таълимӣ, рушди лаёқатмандии хонандагон таъмин мегардад. Аз ин лиҳоз, таҳсилоти ибтидоӣ имконият дорад, ки кудаконро вобаста ба қобилияту лаёқаташон ба намудҳои гуногуни фаъолияти таълимӣ ҷалб намояд.

Вазифаҳои асосии таълими ибтидоӣ аз он иборат аст, ки ба кудакон хондан, навиштан, ҳисобкунии бошуурона ва нутқи дуруст омӯзонида шуда, муносибати бомасъулият ба меҳнат, завқи китобхонӣ, тавассуди фанҳои таълимӣ сифатҳои беҳтарини ахлоқӣ, дӯст доштан ва арҷгузорӣ ба халқу ватани хеш, забони модарӣ, арзишҳои маънавӣ, табиати кишвар, эҳтироми фарҳанги миллату халқиятро тарбия дода, ба инкишофи ҳаматарафа ва муайян намудани қобилияту истеъдоди онҳо таъмин карда шавад. Иҷроиши ин вазифаҳо аз сатҳу сифати таълими фанҳои зерини синфҳои ибтидоӣ вобата аст: забони модарӣ, забони русӣ, забони англисӣ, математика, табиатшиносӣ, санъати тасвирӣ ва меҳнат, тарбияи ҷисмонӣ, суруд ва мусиқӣ.

Барномаи давлатии таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ се ҷанбаи асосии ба ҳам алоқаманди раванди таълими ибтидоиро пешбинӣ менамояд:

1. Саводомӯзонӣ, хониши беруназсинфӣ ва инкишофи нутқ.
2. Хониши бадеӣ (синфӣ ва беруназсинфӣ) ва инкишофи нутқ.
3. Фонетика, лексика, грамматика, имло ва инкишофи нутқ.

Аз ин бармеояд, ки вазифаи асосии таълими ибтидоии забони модарӣ инкишофи нутқ маҳсуб меёбад. Ҳамчунин, мавриди омӯзиши ибтидоии забони тоҷикӣ вазифаҳои зерини педагогӣ ба иҷро расонида мешавад:

- ташаккули тасаввуроти муҳимтарини ахлоқию эстетикӣ, парвариши арзишҳои умумиинсонӣ;
- рушди қобилияти эҷодию ихтирокорӣ;
- афзун гардонидани фаҳмиш ва тасаввуроти кудакон оид ба воқеияти атроф, инсон, табиат ва ҷомеа;
- ташаккули тафаккури мантиқӣ ва образнок;
- инкишофи мустақилиятнокии хонандагон тавассуди ташкили намудҳои гуногуни корҳои мустақилона;
- инкишофи шавқу рағбати зиёд ба таълимгирӣ, китобхонию илмдӯстӣ.

Фанни забони тоҷикӣ на танҳо дар синфҳои ибтидоӣ, балки дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот фанни муҳимтарину асосӣ ба ҳисоб рафта, пурраю мукаммал омӯхтан ва омӯзонидани он ҳам барои таълимгиранада ва ҳам барои омӯзгор мушкилиҳои худро дорад. Омӯзгорро зарур аст, ки мавриди таълими фан ҷанбаҳои илмӣ, бадеӣ, маърифатӣ ва тарбиявии мавзӯъҳои дарсиро ба назар гирифта, ҷиҳати ташаккул додани ҷаҳонбинии илмӣ, майлу хоҳиши донишандӯзӣ, рушди сифатҳои ахлоқию маънавӣ, инсонгароиву нексириштии хонандагон аз методу усулҳои самараноки таълим эҷодкорона истифода намояд. Дар баробари ин, мазмуну мундариҷаи ҳар як дарсро бо дарназардошти лаёқату истеъдоди хонандагон мувофиқа намояд, ки ин барои инкишофи зеҳни хонанда ва ҳам барои рушди лаёқатмандии онҳо имконияти зиёдеро фароҳам меорад.

Кудакони синни томактабӣ ва мактабӣ хусусияти бештари забономӯзӣ доранд. Онҳо бемушкилӣ ва бо шавқу рағбат калимаҳо ва истилоҳҳои навро зуд аз худ мекунанд, ҳамунин, дар онҳо дарки хуби нутқ тариқи шунидан, тарзи талаффуз ташаккул меёбад. Аммо дар ин синну сол ташаккули мукаммали нутқ - падидаи муваққатӣ мебошад, зеро имконияти тез аз худ намудани шаклҳои забонӣ бо гузашти солҳо коҳиш меёбад. Бар самми ин, агар инкишофи нутқ бо ягон сабабе сари вақт амалӣ нагардад, минбаъд рушди он хеле мушкил мешавад.

Неруи зеҳнӣ ва муҳити зисту фаъолияти кудак барои азхудкунии ибтидоии нутқ омили муҳим ба шумор рафта, дар ин раванд идрок, диққат, шаклҳои тафаккур - аёнию амалӣ, аёнию образнок, лафзию мантиқӣ инкишоф меёбанд. Хусусиятҳои синнусолии рушди лаёқатмандӣ ва зеҳни кудак, натиҷаҳои таҳқиқот ва таҷрибаи кори амалӣ-педагогии олимон: В.В.Панов, А.И.Савенков, В.С.Юркевич ва С.Д.Дерябо мебошад, ки имконияти инкишофи ҳамаҷонибаи лаёқатмандии хонандагони хурдсолро дар раванди таълими забони модарӣ ба низом медарорад. [7;8;10;4]

Низоми мазкур чунин амалисозии раванди таълимро пешбинӣ менамояд, ки зимни он дар ҳар як марҳалаи сохтории забони модарӣ, дар рафти омӯзиши маводи дарсӣ ва дар заминаи он тамоми нишондиҳандаҳои лаёқатмандии хонандаи хурдсол баробар рушд ёфта, устувор мегарданд. Ин дар муқоиса бо низоми анъанавӣ, тариқи ворид намудани иловаҳои мушаххас ба мундариҷа ва ташкили раванди таълим муяссар мегардад.

Такмилдиҳии мундариҷа тариқи амалҳои зерин анҷом меёбад:

- ворид намудани луғати иловагӣ мавриди кори луғавӣ-имлоӣ, мустаҳкамкунӣ, такрор ва ҷамъбасти маводҳои омӯхташуда;

-истифодаи зиёди зарбулмасалҳо, мақолҳо, ибораҳои фразеологӣ дар лаҳзаҳои гуногуни дарс;

- истифодаи мафҳуму истилоҳҳои нав;

- ба мундариҷаи мавоҳои таълимӣ ворид намудани матнҳои гуногуннавъи хусусияти тарбиявию маърифатидошта.

Мундариҷаи такмилшудаи таълим ба рушди лаёқатмандӣ, ташаккул ҷаҳонбинии хонандагон мусоидат мекунад, дониши онҳоро оид ба олами атроф амиқ мегардонад, ба инкишофи кӯдак ҳамчун шахсият ёрӣ медиҳад, фаъолияти ақлонии вайро тахрик бахшида, сермаҳсул истифода намудани калимаю истилоҳҳоро барои инкишофи мукаммали қобилияти гуфторӣ имкон медиҳад.

Тағйироти назаррас дар ташкили раванди таълими забони модарӣ низ пешбинӣ мешаванд. Онҳо бо амалӣ намудани як қатор принсипҳои нави ташкилу гузаронидани дарсҳо, тағйири методикаи гузаронидани ҳар як лаҳзаи дарс дар ҳамаи синфҳои ибтидоӣ алоқамананд.

Дар баробари принсипҳои маъмулӣ, Г.А.Бакулина чунин принсипҳои нави таъимиро мансуб мешуморад, ки ба инкишофи лаёқатмандӣ мусоидат мекунанд:

- <u>принсипи таъсири ҳаматарафаи инкишофдиҳанда ба зеҳни хонандаи хурдсоли лаёқатманд</u>. Омӯзгор дар мариди ташкили корҳои амалӣ дар дарсҳо аз тарзу воситаҳо ва машқу супоришҳое истифода мебарад, ки дар раванди иҷрои онҳо дар хонандагон на танҳо донишҳо, маҳорату малакаҳои хаттию шифоҳӣ ташаккул меёбанд, балки як қатор нишондиҳандаҳои лаёқатмандӣ зоҳир шуда, рушд меёбанд. Сатҳи лаёқатмандии онҳо метавонад гуногун бошад, аммо аз ҷиҳати миқдор - на камтар аз чор нишондиҳанда ташаккул хоҳад ёфт. Масалан, инкишофи тафаккури лафзию мантиқӣ, диққат, хотир, қобилияти гуфторӣ;

- <u>принсипи дидгоҳи амалгароёна ба таълим</u>. Он чунин ташкил ва гузаронидани дарсҳои забони модариро пешбинӣ менамояд, ки дар натиҷаи онҳо хонандагони болаёқат роҳҳои ғайрањанавии ба худ хоси ҳалли масъалаҳоро истифода намуда, эҷокорона амал менамоянд. Чун фаъолияти амалӣ малакаҳои мустақилона фикррониро таҳким бахшида, фаъолнокии хонандаро афзун менамояд, ки дар ин раванд нишондиҳандаҳои дигари лаёқатмандӣ такмил меёбанд;

- <u>принсипи ҷавоби асоснок</u>, ки шарҳи пурраю возеҳ, пайдарпай, далелноки фикрро аз ҷониби хонандагони лаёқатманд дар раванди иҷрои ҳамаи супоришҳо ё аксари машқҳои забони модарӣ пешбинӣ менамояд. Он серталабии мувофиқи фардӣ ва таҳаммулу эҳтироми амиқ ба шахсияти ҳар як кӯдак, андешаву нуқтаи назари ӯ; таъмини таваҷҷуҳро аз ҷониби хонандаи лаёқатманд ба суханону амалҳои омӯзгор; муносибати боэҳтиромро ба ҷавобҳо, андешаву эҳсосоти ҳамсинфон тақозо менамояд. Ба иборати дигар, кӯдаки болаёқат набояд тобеи омӯзгор ё ягон шахси роҳнамо бошад. Озодии психологӣ, эҳсоси рафоқату боварӣ ба ӯ имкон медиҳад, ки дар ҷустуҷӯи ғояву андешаҳои нав собитқадам бошад [3].

Барои амалисозии низоми муносибати босалоҳият ба инкишофи лаёқатмандии хонандагони хурдсол дарсҳои анъанавии забони модарӣ (омӯзиши маводи нав, мустаҳкамкунии донишҳо, дарсҳои ҷамъбастии назоративу санҷишӣ, омехта, муштараку ҳамгиро) бо ҳифз намудани ҳамаи лаҳзаҳои асосӣ (хушнависӣ, кори луғавӣ-имлоӣ, эҷодӣ-лоиҳавӣ, табодули андеша, ангезиши зеҳн ва ғ.) истифода мешаванд. Аммо мазмуни супоришҳо ва тарзҳои иҷрои онҳо тағйир меёбанд.

Истифодаи дидгоҳи мазкур ба омӯзгор имкон медиҳад, ки ҷанбаҳои гуногуни нишондиҳандаҳои лаёқатмандии хонандагони хурдсолро самаранок инкишоф диҳад.

Хониши бадеӣ дар синфҳои ибтидоӣ ҳамчун қисми ҳатмии барномаи таълими забони модарӣ баррасӣ мегардад. Фанни мазкур на танҳо аҳамияти таҳсилотӣ дорад, балки барои инкишофи лаёқатмандии хонандагони хурдсол имконияти зиёдро фароҳам меорад.

Вазифаҳои таълими ибтидоии забони модарӣ такмили минбаъдаи малакаи хондан, дурустӣ, равонӣ, бошуурона ва ифоданок будани он; ташаккули дарки пурраи мазмуни асари бадеӣ аз ҷониби хонанда; дар онҳо инкишоф додани завқи бадеӣ ва эстетикӣ; азхудкунии маҳорати кор бо матн; ҷалби фаъолонаи хонандагон ба мутолиаи китобҳо ва дар ин замина ғанӣ гардонидани дониши онҳо оид ба олами атроф ба ҳисоб меравад.

Доираи васеи вазифаҳои таълими забони модарӣ дар заминаи маводи барномавӣ оид ба хониш амалӣ мегардад, ки асосан аз асарҳои адабиёти бадеӣ, илмӣ-оммавии тоҷикӣ ва русӣ, осори эҷодиёти шифоҳии халқ фароҳам омадааст. Ҳамчунин, дар дарсҳо бештар истифода намудани асарҳои нависандагони ватанӣ, истифодаи маводи кишваршиносӣ мувофиқи мақсад аст. Ба инкишофи лаёқатмандии хонандагони хурдсол аз ёд кардани шеърҳо ва порчаҳои бадеӣ на танҳо аз китоби дарсӣ, балки аз адабиёти бадеӣ мусоидат менамоянд. Ш.А.Амонашвили афзалиятнокии ташкили лаҳзаҳои бадеиро дар ҳар як дарс таъкид мекунад [1]. Мундариҷаи чунин ҳар як лаҳзаҳои адабиро дар дарсҳо маҳз хонандагон интихоб мекунанд: онҳо бо қаноатмандӣ шеърҳоеро қироат мекунанд, ки эҳсосоти мусбаташонро барангехта, мутаассир мешаванд. Кӯдак мехоҳад, ки аз ин гуна шеър ҳамсинфонаш низ огоҳ бошанд, аз он бори дигар таассурот бардорад ва ягон чизи навро дарёбад. Чунин кор, ба андешаи мо, ба инкишофи ҳамаи нишондиҳандаҳои лаёқатмандии хонандаи хурдсол, махсусан, шавқу рағбати ӯ ба фаъолияти маърифатию эҷодӣ мусоидат менамояд.

Инкишофи амиқтари тамоми нишондиҳандаҳои лаёқатмандӣ дар дарсҳои хониши беруназсинфӣ имконпазир мебошад, зеро кудак дар ин раванд озод аст, имкониятҳои зеҳнию равонии худро истифода намуда, мустақилона мутолиа ва мулоҳиза мекунад. Мақсаи асосии хониши беруназсинфӣ шиносоии амиқтари хонандагон бо адабиёти бадеъии бачагона, таъмини инкишофи мукаммали нутқи адабии хонандагон, барои кудакон дастрас намудани арзишҳои ахлоқӣ-эстетикӣ ва фарҳанги маънавӣ, дар онҳо ҳосил намудани завқи бадеӣ, асосҳои ҷаҳоншиносӣ, ташаккул додани фарҳанги эҳсосот ва муошират мебошад.

Маҳз хониши беруназсинфӣ барои инкишофи сарчашмаҳои эҷодӣ ва хониши мустақилонаи бачагон мусоидат намуда, ба омӯзгор имкон медиҳад, ки на танҳо имконияти воқеии синф, ҳар як хонанда, балки талаботи кудакони болаёқатро ба назар гирифта, барои ҳар яки онҳо озодии интихоб ва мутолиаи китобҳоро бо такя ба намунаи барҷастаи бадеӣ фароҳам меорад.

Азбаски асоси барномаи таълимии забони модариро маҳорати гуфтугӯӣ ё муошират ташкил медиҳад, дар дарсҳои хониши синфӣ ва беруназсинфӣ қисми зиёдтари вақт барои фаъолияти нутқи хонандагон ҷудо мешавад. Хонандагон гӯш кардан, баён кардан, эҷод карданро меомӯзанд. Аммо барои ин дар дарсҳо манъкуниҳо бояд ҳар чи камтар бошанд, махсусан, дар синфҳои ибтидоӣ имкони озодонаи баёни фикрро бештар таъмин намудан лозим аст. Бачагони лаёқатмандро тарзе бояд омӯзонд, ки барояшон шавқовар бошад. Бинобар ин, омӯзгор бояд на ба сифати назоратгар, балки роҳбаре, ки эҷодкории бачагонро таҳрик мебахшад, баромад намояд.

Дар ин гуна дарсҳо ҳамкорӣ имконпазир аст, ки эҷодкориро на танҳо аз бачагон, балки аз омӯзгор низ тақозо менамояд. Омӯзор ҳамчун роҳбалад ниёзҳои хонандаро пайгирӣ намуда, вобаста ба имкониятҳои зеҳнӣ, сатҳи инкишофёбии нишондиҳандаҳои лаёқатмандӣ ва шавқу рағбати хонандагон фаъолияти таълимиро ташкил намуда, барои ҳалли амалии мушкилот мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, дарсҳои забони модарӣ ба омӯзгор имкони ташаккул додани шахсияти кӯдаки лаёқатмандро фароҳам меоранд, ки дар ҳаёти ҷамъиятӣ, муошрати шахсӣ барои дарки дурусти иттилоот, мулоҳиза намудани он, таъсир расонидан ба эҳсососту андешаҳои атрофиён, ҳимояи нуқтаи назари худ, ба назар гирифтани ақидаҳои дигарон қобилият дошта, озодфикру худамал, мутобиқшавандаю ташаббускор бошад.

## АДАБИЁТ

1. Амонашвили, Ш.А. В школу - с шести лет / Ш.А. Амонашвили. - М.: Просвещение, 1989. - 176 с.
2. Амонов Р. Адабиёти бачагона Тоҷикистон / Р. Амонов. - Душанбе, 1981. - 239 с.
3. Бакулина Г.А. Интеллектуальное развитие младших школьников на уроках русского языка. 1 класс / Г.А. Бакулина. - М.: Гуманит. Изд. Центр ВЛАДОС, 2001. - 144с.
4. Дерябо С.Д. Диагностика влияния образовательной среды на развитие одаренного ребенка / С.Д. Дерябо: дис. на соиск. учен. степ. канд. пед. наук [Моск. пед. гос. ун-т]. - М., 2003. - 145 с.

5. Коменский Я.А. Великая дидактика / Я.А. Коменский // Сост. В.М.Кларин, А.Н.Джуринский. – М.:Педагогика, 1989. – 416 с.
6. Лутфуллоев М. Истиқлолияти Тоҷикистон ва маълумоти муосир / М. Лутфуллоев. - Душанбе: Ирфон, 2006. - 146 с.
7. Панов В.В. Из опыта работы с одарёнными детьми / В.В. Панов // Математика. - М., 2000. - №19. - С. 16 - 20.
8. Савенков А.И. Маленький исследователь: как научить младшего школьника приобретать знания / А.И. Савенков. - Ярославль: Академия развития, 2002. - 208 с.
9. Фельдштейн Д.И. Психология развития личности в онтогенезе / Д.И. Фельдштейн. - М.: Педагогика, 1989. - 206 с. - 14 000 экз. - ISBN 5-7155-0030-3.
10. Юркевич, В.С. Одаренный ребенок: иллюзии и реальность / В.С. Юркевич. - М.: Педагогика, 2002. - 86 с.

**REFERENCES:**

1. Amonashvili Sh.A. To school - from six years / Sh.A. Amonashvili. - M.: Education, 1989. - 176 p.
2. Amonov R. Children's literature of Tajikistan / R. Amonov. - Dushanbe, 1981. - 239 p.
3. Bakulina G.A. Intellectual development of primary school students in Russian language lessons. 1st grade / G.A. Bakulina. - M.: Humanitarian. Publishing Center VLADOS, 2001. - 144 p.
4. Deryabo S.D. Diagnostics of the influence of the educational environment on the development of a gifted child / S.D. Deryabo: dis. for the degree of candidate of pedagogical sciences [Moscow State Pedagogical University]. - M., 2003. - 145 p.
5. Komensky Ya.A. Great didactics / Ya.A. Comenius // Comp. V.M. Clarin, A.N. Dzhurinsky. – M.: Pedagogy, 1989. – 416 p.
6. Lutfulloev M. Independence of Tajikistan and modern information / M. Lutfulloev. - Dushanbe: Irfan, 2006. - 146 p.
7. Panov V.V. From experience working with gifted children / V.V. Panov // Mathematics. - M., 2000. - No. 19. - P. 16 - 20.
8. Savenkov A.I. Little researcher: how to teach a junior schoolchild to acquire knowledge / A.I. Savenkov. - Yaroslavl: Development Academy, 2002. - 208 p.
9. Feldshtein D.I. Psychology of personality development in ontogenesis / D.I. Feldshtein. - M.: Pedagogy, 1989. - 206 p. - 14,000 copies. - ISBN 5-7155-0030-3.
10. Yurkevich V.S. Gifted child: illusions and reality / V.S. Yurkevich.- M.: Pedagogy, 2002. - 86 p.